***ТКБ 373.7***
***ТДУ 74.56***

# ***ҲАМКОРИИ ПЕДАГОГӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛНОКИИ ЭҶОДИИ ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ***

***Наврузов Эҳсон Мамурович,*** *унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ***ПЕДАГОГИЧЕСКОЕ ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ КАК ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ ТВОРЧЕСКОЙ АКТИВНОСТИ УЧИТЕЛЕЙ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ***

***Наврузов Эхсон Мамурович,*** *соискатель общеуниверситетской кафедры общей педагогики ГОУ "ХГУ имени акад.Б. Гафурова" (Таджикистан,Худжанд)*

# ***PEDAGOGICAL INTERACTION AS A FACTOR TOWARDS FORMATION OF CREATIVE ACTIVITY OF TEACHERS OF GENERAL EDUCATION INSTITUTIONS***

***Navruzov Ekhson Mamurovich,*** *claimant for candidate degree of the all-university department of general pedagogy under the SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),**E-mail:** n.ehson@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *фаъолнокии эҷодӣ, раванди таълим, технологияҳои муосири таълим, муассисаҳои таълимӣ, омӯзгор, хонанда, фаъолияти педагогӣ,ташаккул, шахсият*

*Мақола ба омӯзиш ва баррасии масъалаи ҳамкории педагогӣ ҳамчун воситаи ташаккули фаъолнокии эҷодии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст. Дар иртибот ба масъалаи мавриди назар муаллиф таъкид менамояд, ки ҳадафи асосии инкишофи фаъолнокии эҷодӣ ва касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна тавассути воситаҳои педагогӣ ба вуҷуд овардани шароитҳои зарурӣро барои истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълим тақозо менамояд. Бо ин мақсад муаллиф чанд вазифаҳое, ки дар татбиқи самти мазкур муҳиманд, мушаххас намуда, чорабиниҳое, ки барои ҳалли ҳадафҳои барномаи мақсаднок муҳиманд, аз ҷумла семинар-тренингҳо ва дарсҳои маҳорати касбӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ба андешаи муаллиф, пешбинӣ намудани чунин чорабиниҳо барои ҳалли муваффақонаи масъалаи ташаккули фаъолнокии эҷодиву касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути воситаҳои педагогӣ мусоидат менамояд.*

***Ключевые слова****: творческая активность, процесс обучения, современные технологии образования, образовательные учреждения, учитель,учащийся, педагогическая деятельность,формирование, личность*

*Статья посвящена изучению и анализу особенностей педагогического взаимодействия как фактора формирования творческой активности учителей общеобразовательных учреждений и обращения педагогического коллектива к переходу и реализации новых технологий. В статье подчеркивается, что целью формирования профессиональной творческой активности учителей средних общеобразовательных учреждений средствами педагогического взаимодействия является создание условий для формирования готовности педагогов к работе при использовании современных педагогических технологий общего образования. В связи с чем, автором были сформулированы задачи, решаемые при реализации данного направления, а также рассмотрены учебные мероприятия, в частности, семинар-тренинги и мастер-классы, необходимые для достижения поставленных целей, согласно программе. Такая система работы, по мнению автора, позволяет решить задачу эффективного формирования профессиональной творческой активности учителей средних общеобразовательных учреждений средствами педагогического взаимодействия.*

***Key words:*** *creative activity, learning process, modern education technologies, educational institutions, teacher, student, pedagogical activity, formation, personality*

*The article dwells on the study and analysis beset with features of pedagogical interaction as a factor towards formation of creative activity of teachers of educational institutions and appeal of teaching staff to transition and implementation of new technologies. The author lays an emphasis upon the idea that the*

*purpose of formation of professional creative activity of teachers of secondary educational institutions by means of pedagogical interaction is to create conditions for formation of teachers' readiness to work in the context of implementation of modern pedagogical technologies of general education. In this connection, the author formulates the tasks to be solved in implementation of this direction, and also considered educational activities, in particular, training seminars and master classes necessary to achieve the set results of the target program. Such a system of work, according to the author allows to solve the problem dealing with effective formation of professional creative activity of teachers of secondary educational institutions by means of pedagogical interaction.*

Дар замони муосир моҳияти раванди таълимро на танҳо ташаккули донишу малака бо мақсади инкишофи минбаъдаи ақида ва ғояҳои донишҷӯён, балки омӯзонидани усулҳо ва воситаҳои мустақилона ба даст овардани донишҳои нав ташкил мекунад. Омодагии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ба фаъолияти эҷодӣ ва муқовимат ба ҷараёни босуръати маълумоти бешумор– яке аз самтҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот маҳсуб меёбад. Шахсияти омӯзгори замони муосири муассисаҳои таҳсилоти умумӣ метавонад дар ҳалли масъалаҳои асосии мактабу маориф, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” [4] пешбинӣ шудаанд, нақши муҳим дошта бошад. Неруи эҷодии омӯзгори асил бояд на танҳо дар кӯшиши ба вуҷуд овардани як тамоюли нав, балки , пеш аз ҳама, дар инкишоф ва таҳаввули маҳорати педагогии хеш вобаста ба талаботи замон зоҳир мегардад.

Имрӯзҳо омӯзгори муассисаҳои таълимӣ аксар вақт зимни татбиқи усулҳои муайяни таълим дар курсҳои гуногун бо истифода аз китобҳои дарсии мухталиф бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мешавад. Вай метавонад аз фановари мухталифи таълим, ки ба махсусиятҳои маданияти касбиаш комилан мувофиқ аст, истифода намояд[9,с.161]. Зиёда аз ин, фановариҳо мазкур бояд бо назардошти инкишофи шахсияти омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва дарки имкониятҳои татбиқи онҳо таҳия гарданд.

Дар назария ва амалияи таълим, дар шароите, ки фаъолияти эҷодӣ омӯзиши маводи назариро дар назар дорад, як вазъияти муайяне ба вуҷуд омадааст. Омӯзгороне, ки омӯзиши проблемавиро ҷонибдорӣ мекунанд, дар баробари масъалаҳои назарӣ масъалаҳои амалиро низ матраҳ менамоянд, вале маъмулан далелҳои худро дар заминаи таълими фанҳои назарӣ собит менамоянд[2].

Дар баробари ин, дар асарҳои илмии давраи муосир ба масъалаи инкишофи фаъолнокии эҷодии омӯзгори оянда эътибори ҷиддӣ дода нашудааст.То ин дам фаъолияти эҷодии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар заминаи низоми анъанавӣ ба назар гирифта мешуд. Масъалаи педагогии ташаккули фаъолнокии эҷодии омӯзгорони оянда, ки бо фаъолияти таҳқиқоти машғуланд, дар шароити имрӯзаи инкишофи ҷомеа хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Ба масъалаи таҳқиқи фаъолияти эҷодиии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ асарҳои илмии олимони-педагог, ба монанди А.М. Матюшкин, Л.С. Беляева, Я.И. Пономарев, А.В. Петровский, М.Г. Ярошевский, В. С. Кагерманян, В. К. Маригодов, А.А. Слободянюк, М.Г. Гарунов, А.Я.Савелев, М.Лутфуллозода[6], Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова ва дигарон бахшида шудаанд. Дар соҳаи педагогика асарҳои зиёди илмие мавҷуданд, ки ба масъалаи тарбияи кӯдакон ва насли наврас дар заминаи усулҳои мушаххаси ташкили таълиму тарбия ихтисос доранд. Дар таҳқиқотҳои мазкур, асосан, таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва омӯзишгоҳҳои касбӣ баррасӣ шудааст, таҷрибаи мактабҳои олӣ бошад, дар сатҳи зарурӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст.

Ба ҳамин тариқ, дар таҷрибаи омодагии омӯзгорони муассисаҳои имрӯзаи маълумоти миёна ихтилофот байни мӯҳтавои маълумоти ибтидоӣ ва таъмин нагардидани шароити таълим барои ташаккули фаъолияти эҷодии омӯзгорон дар муассисаҳои маълумоти миёна ба назар мерасад. Ва имрӯз яке аз масъалаҳои муҳим – тарбияи омӯзгорони дорои малакаҳои таҳия ва ташкили чорабиниҳои таълимӣ ва истифодаи фановариҳои инноватсионӣ дар раванди таълим маҳсуб меёбад.

Омӯзиш ва баррасии адабиёти илмӣ собит менамояд, ки таҳқиқоти олимони соҳаи педагогикаи тоҷик оид ба масъалаҳои омода кардани омӯзгорон ба фаъолияти таҳқиқоти ва эҷодӣ бояд вазифаҳои зеринро фаро гирад:

- ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии омӯзгорони оянда дар низоми мактаби олӣ;
- ворид намудани мафҳуми фарҳанги пажӯҳишии омӯзгор ҳамчун маҳаки фаъолияти инноватсионӣ ва педагогии омӯзгори оянда;
- иттилоотонии фаъолияти таҳқиқотии донишҷӯён дар низоми маълумоти олии касбӣ;

- моҳияти шахсияти омӯзгор-муҳаққиқ ва махсусиятҳои шаклҳои фаъолият.

Яке аз воситаҳои муосири муайянсозии муҳтавои таълим– таҳияи амсилаҳои фаъолияти касбии омӯзгор дар раванди таълим, ба ибораи дигар ташаккули амсилаи инноватсионӣ дар заминаи омодагии касбии омӯзгорон маҳсуб меёбад. Амсилаи мазкур ба заминаи консептуалии маълумоти олии касбӣ асос ёфта, масъалаҳои зеринро ҳаллу фасл менамояд:

- коркарди маҷмӯи машқу супоришҳои махсус барои ҳосил намудани малакаҳои зарурӣ;
- муайян намудани нақши онҳо дар мӯҳтавои таълим;
- ворид намудани тағйирот ба нақша ва барномаҳои корӣ;
- ҳалли вазифаҳои ғайримуқаррарӣ дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ.

Амсилаи нави коргоҳи эҷодӣ – амсилаи ба ғояҳои инсондӯстӣ асосёфтаи таълиму тарбия мебошад, ки барои таҳкими худшиносӣ ва худмуайянсозӣ мусоидат менамояд.

Барои омӯзгорони оянда коргоҳи (лабораторияи) эҷодӣ–мактаби муҳим ва арзишманд мебошад, ки афзалияти асосии он дар таъмин намудани донишҳои ибтидоӣ ва тарбияи хислатҳои равонӣ, аз қабили суботкорӣ, дарки муҳимияти ба даст овардани натиҷаҳои назаррас, қобилияти пешбурди фаъолияти хеш, ба даст овардани донишҳои нав ва истифодаи самараноки онҳо зоҳир мегардад. Мусаллам аст, ки аз сатҳу савияи донишу малакаҳои омӯзгорони оянда, ки дар раванди таълим ҳосил мешаванд, нерӯи минбаъдаи эҷодӣ ва самаранокии фаъолияти онҳо вобаста аст. Бо ташкили коргоҳи инноватсионӣ, омӯзгор метавонад масъалаҳои назарӣ ва амалиро муваффақона ҳал намуда, усулҳои зарурии таҳқиқоти илмиро бо мақсади омӯзиши дақиқ ва ҳамаҷонибаи зуҳурот ва объектҳои мухталиф истифода намояд ва ба хулосаҳои муҳими илмӣ соҳиб шавад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҷомеаи педагогии муассисаҳои таълимӣ аз усулҳои таҳлил ва арзёбии қобилияти эҷодии омӯзгор бархурдор нестанд. Аз ин рӯ, чуноне, ки таҷрибаҳо нишон медиҳанд, аксар вақт зимни арзёбии маҳорати касбии омӯзгорони эҷодкор ҷомеаи педагогии мактабҳо ва мақомотҳои назорати соҳаи маориф, на ба таҷрибаи илмӣ ва хулосаҳои мантиқӣ , балки ба мушоҳида ва ҳиссиёти худ такя мекунанд, ки қобили қабул нест[7, с.192].

Аз ин нуқтаи назар, бо мақсади дуруст арзёбӣ намудани қобилият ва эҷодкории омӯзгорон, бояд тавсияҳои илмиву амалӣ оид ба баҳогузории фаъолияти педагогии омӯзгор таҳия карда шаванд, ки барои коркарди механизми инкишофи нерӯи эҷодии омӯзгор хеле муҳиманд. Бинобар ин, имрӯз масъалаи ташкили курсҳои махсуси омӯзишӣ ва практикумҳо барои директорони мактабҳо бо мақсади омӯзонидани усулҳо ва равишҳои арзёбии ташаккули фаъолияти омӯзгорони мактабҳо ба миён меояд. Ба андешаи мо, усули инноватсионии раванди таълим метавонад ба ҳайси омили муҳими баландбардории сифати донишу малакаҳои педагогӣ баромад кунад. Раванди таълими мактабҳо наметавонад ба ягон догма ва қолаби шахшуда асос ёбад, зеро он ҷараёни доимо инкишофёбанда ва гуногунҷабҳаест, ки натиҷаҳои он наметавонад дар чаҳорчӯбаи муайян маҳдуд бошанд ва тавассути ҳисоботҳои "хушк" тавсиф ёбанд. Бинобар ин, таъмин намудани шароитҳои зарурӣ барои такмили раванди таълиму тарбия ва истифодаи ҷасуронаи технологияҳои муосир аз масъалаҳои муҳими соҳаи педагогика маҳсуб меёбад.

Ба андешаи мо, ба сатҳи омодагии ҷомеаи педагогӣ дар самти гузариш ба раванди татбиқи фановариҳои нави таълим омилҳои зерин метавонанд таъсироти муайян расонанд:

1. Омилҳои мусбат: Омода будани маъмурият ва аъзоёни ҷомеаи педагогӣ ба таҳлил ва арзёбии воқеии вазъи раванди таълим ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба гузаронидани тағйирот дар муҳити таълимӣ. Қобилияти ҳамкорӣ кардан дар як гурӯҳ зимни ҳалли вазифаҳои ҳалталаб ва пешбарии роҳбари кордон. Низоми самараноки маълумоти иловагӣ. Мавҷудияти анаъана ва навоварӣ дар низоми таҳсилоти вариативӣ. Мавҷудияти таҷрибаи иштироки педагогон дар озмунҳои мухталифи маҳорати касбӣ; иштироки бештари омӯзгорон дар муаррифӣ ва паҳн кардани таҷрибаи педагогӣ . Талаботи волидайн ба маълумоти фундаменталии босифат. Мавҷудияти коркардҳои самараноки инноватсионӣ.Ташкил ва баргузории семинарҳои илмиву-методӣ. Ташкили "ҳайати бонуфуз" аз шумори омӯзгорони ҷомеаи педагогӣ бо мақсади татбиқи равиши "донишомӯзӣ " ҳамчун мақсади асосии раванди таълим.

2. Омилҳои манфӣ:

- ҷонибдории қисми зиёди омӯзгорони ҷомеаи педагогӣ аз истифодаи усулҳои анъанавии таълим дар ҳалли вазифаҳои нави раванди таълим ва қабул накардани муҳимияти ворид намудани дигаргуниҳо дар муҳити таълим;
- сербории омӯзгорон, қисми зиёди омӯзгорон зиёда аз 1,5 воҳиди корӣ сарборӣ доранд;

- кам будани миқдори мутахассисони ҷавон, ки кӯшиши комёб шудан ба натиҷаҳои назаррас доранд, зиёд будани миқдори омӯзгорони синну солашон калон;
- иштироки нокифояи омӯзгорон дар фаъолияти тадқиқотӣ;
- сатҳи пасти иштироки омӯзгорон дар озмунҳои педагогӣ, паҳн кардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ, дар рушду такомули маҳорати касбӣ;
- ҷонибдорӣ накардани навгониҳо аз тарафи қисми зиёди омӯзгорони ҷомеаи педагогӣ, шаклпарастии маҳз дар фаъолияти педагогии онҳо, дуруст дарк накардани мӯҳтавои навгониҳои татбиқшаванда;
- номутаносибии омодагии омӯзгорон барои татбиқи технологияҳо ва иҷрои барномаҳо ;

Бояд гуфт, ки дар рафти татбиқи технологияҳои муосири педагогӣ омӯзгорон асосан бо мушкилоти зиёде, ки бо масъалаҳои методӣ алоқаманд аст, дучор мешаванд, аз ҷумла:

- омода набудани педагогон ба ташкили раванди таълим дар мактабҳо мутобиқ ба талаботҳои технологияҳои муосири педагогӣ;
- мавҷуд набудани таҷрибаи кофӣ дар коркарди қисматҳои барномаи асосии раванди таълим(барномаи таълимӣ, барномаҳои фанҳои алоҳидаи таълимӣ, курсҳо, фаъолияти берун аз синфӣ);
- паст будани сатҳи таъминоти методӣ вобаста ба масоили комёб шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ ва арзёбии онҳо;
- татбиқи усулҳои анъанавии тадриси фанҳо, ки солҳои зиёд мавриди истифода қарор дорад.

Ҳамин тавр, ҳадафи асосии инкишофи фаъолнокии эҷодӣ ва касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна тавассути воситаҳои педагогӣ ба вуҷуд овардани шароитҳои заруриро барои истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълим тақозо менамояд.

Бо ин мақсад чанд вазифаҳое, ки дар татбиқи самти мазкур муҳиманд, мушаххас карда шуданд:

- мураттаб намудани маълумот оид ба омилҳои баланд бардоштани сифати маълумоти асосӣ, татбиқи муносибати салоҳиятнок, инкишофи шахсияти хонандагон, ҳифз ва нигоҳдории саломатии онҳо ва инкишофи қобилияту малака, фаъолияти таълимӣ ва ҳавасмандӣ ба таҳсил;
- шиносоӣ бо фановариҳои муосири таълим, аз ҷумла технологияҳои иттилоотӣ;
- ташаккули малакаҳои лоиҳасозӣ ва таҳияи нақшаи раванди таълим дар мактабҳо бо назардошти технологияҳои муосир;
- мусоидат ба инкишофи малакаҳои таҳлил ва арзёбии мавқеи педагогии худ, ташаккули салоҳиятҳои асосии касбӣ, хислатҳои барои пешбурди фаъолияти педагогӣ муҳим;

Ҳамин тариқ, вазифаи муҳимтарини ташаккули фаъолнокии эҷодии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути таъсироти педагогӣ таъмини шароити мусоид барои омодагии омӯзгорон барои ба хонандагон додани донишу маълумотҳои зарурӣ, тибқи талаботи ҷоришавии технологияҳои инноватсионии таълим маҳсуб меёбад. Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои барномаи мақсаднок баргузории чорабиниҳои зерин муҳим арзёбӣ мегардад:

- семинар-тренингҳо оид ба усулҳои интерактивии таълиму тарбия, ки иштирокчиёни онҳо бо усулҳои пешқадами таълиму тарбия, методикаи истифодаи технологияҳои нави педагогӣ шинос мешаванд;
- дарсҳои маҳорати касбӣ, ки мақсади асосии онҳо шинос намудани омӯзгоронро бо усулҳои ҷолиби таълими фанҳо, равишҳои педагогие, ки дар тадриси тамоми фанҳо метавонанд самаранок истифода шаванд, мебошад. Ба андешаи мо, пешбинӣ намудани чунин чорабиниҳо барои ҳалли масъалаи ташаккули ҳамкории фаъолноки эҷодиву касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути воситаҳои педагогӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, маълум гардид, ки натиҷаҳои нави бадастомада хусусияти равонӣ дошта, аз омӯзгорон на танҳо маҳорати истифодаи технологияҳои муосири таълими фанҳо, балки истифодаи самараноки воситаҳои педагогиро тақозо менамояд. Барои дар сатҳи зарурӣ иҷро намудани талаботҳои стандартҳои давлатии таҳсилот бояд ба муносибати салоҳиятнок ба таълиму тарбия эътибори ҷиддӣ дод, ки қобилияти ташкили фаъолияти педагогиро дар мадди аввал мегузорад. Хонанда бояд мақсади гузоштташударо ба хубӣ дарк кунад, донишу таҷрибаи наве, ки ба даст овардааст дуруст арзёбӣ намояд, самаранокии амалҳои худро назорат кунад. Ин гуна муносибат барои ба фаъолияти таълим бахшидани хусусияти таҳқиқотӣ мусоидат менамояд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Амонашвили, Ш.А. Воспитательная и образовательная функция оценки учения школьников: Экспериментально-педагогическое исследование/Ш.А.Амонашвили.-М.:Педагогика,1984.-298 с.
2. Богданова, Е.Ф., Сарсекеева Ж.Е. Сущность понятия «творческий потенциал»: философский, психологический и педагогический аспекты //www.rusnauka.com/17_PMN_2014/Pedagogica/3_171714.doc.htm
3. Гордеева Г.Г. Педагогические факторы подготовки студентов к профессионально-педагогической деятельности: Дисс. канд. пед. наук.-Челябинск, 1983.-233с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф". Душанбе: "Шарқи озод"-(22.07.2013,№1004)
5. Иваненко, А.В. Качество творческой личности и психолого-педагогические условия развития учителя // International Journal of Humanities and Natural Sciences – №3, 2018.
6. Лутфуллоев, М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин/М.Лутфуллоев.-Душанбе: Сахбо, 2006 - 220 с.
7. Сластенин, В.А. Педагогика: инновационная деятельность / В.А. Сластенин, Л.С. Подымова. - Магистр, 1997. - 223 с.
8. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2011с. №334) 102 с.
9. Штофф, В.А. Моделирование и философия/В.А.Штоф.-М.:Знание,1986.-С.264.
10. Щербакова, Т. Н. Творчество в деятельности современного педагога // Актуальные вопросы современной педагогики: материалы IV междунар. науч. конф. (г. Уфа, ноябрь 2013 г.). - Уфа: Лето, 2013. - С. 21-25.


## REFERENCES:


1. Amonashvili, Sh.A. Upbringing and Educational Function of Assessment of Teaching of Schoolchildren: Experimental and Pedagogical Research. / Sh.A. Amonashvili. -M.: Pedagogy, 1984. - 298 p.
2. Bogdanova Ye.F., Sarsekeeva Zh.E. The Essence of the Concept of "Creativity": Philosophical, Psychological and Pedagogical Aspects //www.rusnauka.com/ 17_PMN_2014/ Pedagogica/3_171714.doc.htm
3. Gordeeva, G.G. Pedagogical Factors of Preparing Students for Professional Pedagogical Activity: candidate dissertation in pedagogy/G.G.Gordeeva.-Chelyabinsk,1983.–233 p.
4. Konuni, Kumkurii Tojikiston "Gift of Borai Maorif". - Dushanbe: The Freedom of Orient, - (Date of appeal: 22.07.2013, No. 1004)
5. Ivanenko, A.V.The Quality of Creative Personality and Psychological and Pedagogical Conditions for Development of the Teacher/ Ivanenko,A.V.//International Journal of Humanities and Natural Sciences - №3, 2018.
6. Lutfulloev, M. Independence of Tajikistan and New Education/M.Lutfulloev. -Dushanbe: Sakhbo, 2006. - 220 p.
7. Slastenin, V.A.Pedagogy: Innovative Activity/V.A.Slastenin,L.S.Podymova.-Master,1997.-223 p.
8. National Strategy of Development of Education of Tajikistan Republic up to 2020 (Decree of Tajikistan Republic Government from June 30, 2011. No. 334). - 102 p.
9. Shtoff, V.A. Modeling and Philosophy/V.A.Damask.-M.: Knowledge, 1986. – P. 264.
10. Shcherbakova, T.N. Creativity in Activities of a Modern Teacher/T.N.Shcherbakova//Actual Problems of Modern Pedagogy: materials of the IV-th international. Scientific conference (Ufa, November 2013). - Ufa: Summer, 2013. – P. 21 - 25.